*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №114 (2941) | ҶУМЪА, 14 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



Суратгир А. ИСОЕВ

## Хидматҳои Кумитаи имдод қобили ситоишанд

**12 сентябри соли 2012 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров сарпарасти Кумитаи имдоди имом Хумайнӣ Ҳусайни Анвориро пазироӣ намуд.**

Раиси мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори кишвар Шукурҷон Зуҳуров сарпарасти Кумитаи имдоди имом Хумайнӣ Ҳусайни Анвориро хайра мақдам гуфта, аз ҷумла изҳор дошт, ки ин созмони хайриявии байналмилалии башардӯстонаро дар бисёр кишварҳои ҷаҳон медонанд. Кумитаи номбурда дар Ҷумҳурии Исломии Эрон ва дигар мамолик ба зиёда аз панҷ миллион нафар ниёзмандон, сарфи назар аз миллату нажод, мазҳабу ақидаи сиёсиашон, хидмат мерасонад. Ҳадафи асосии ин Кумита раҳоӣ бахшидани инсонҳо аз камбизоатӣ, фақру нодорӣ, тавонманд сохтани хонаводаҳои ниёзманд мебошад.

Фаъолияти Кумитаи имдод дар Тоҷикистон аз соли 1994 асосан ҷиҳати дастгирии иҷтимоии камбизоатон оғоз гардида, то имрӯз бо самту ҳадафҳои бунёди бисёр марказҳои фанниву фарҳангӣ ва хайриявӣ, корхонаҳову лоиҳаҳои гуногун амалӣ карда мешавад.

-Ман бо амри хайр ва хидматҳои арзишманди Кумита хеле хуб ошно ҳастам, зеро дар тайи чандин соли фаъолиятам ҳамчун вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин Кумита ҳамкории хеле наздик доштам, -изҳор дошт Шукурҷон Зуҳуров. -Барои созмон додани барномаи Кумитаи имдод дар Тоҷикистон як силсила қарордодҳо ва Ёддошти тафоҳум миёни мақомоти марбутаи Эрону Тоҷикистон ба имзо расидаанд, ки ҷиҳати фаъолияти Кумита дар кишвари мо заминаи ҳуқуқӣ ба вуҷуд овардаанд.

Имрӯз дар фаъолияти Кумитаи имдоди имом Хумайнӣ ёриву имдод мазмуну муҳтавои нав пайдо кардааст. Яъне, ба эҳтиёҷмандон дар баробари ёриву мадад омӯхтани касбу ҳунар, роҳҳои муносиби аз эҳтиёҷмандӣ баромадан, бо машғулияти мушаххас таъмин намудани рӯзгорашон амалӣ карда мешавад. Кӯмакҳои беғаразонаи Кумитаи имдоди имом Хумайнӣ боиси қомат рост кардани даҳҳо хонаводаҳои ниёзманд гардидааст ва дар Тоҷикистон инро бисёр қадр мекунанд.

Дар заминаи қарордоди ҳамкорӣ миёни Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарпарасти ҳавзавии Кумитаи имдод дар ҳашт минтақаи кишвар ҷиҳати рушди фаъолияти фардии занону духтарон ва тайёр намудани мураббиёни марказҳои таълимии касбомӯзӣ даҳ марказ таъсис ёфтааст. Дар заминаи барномаи амали Кумитаи имдод ҳамасола баргузории ҷашнҳои арӯсии бисёр ҷавонон аз хонаводаҳои ятиму бепарастор ва камбизоат амалӣ карда мешавад.

Дар ин радиф хидматҳои Кумитаи имдод қобили ситоишанд. Кумитаи имдоди имом Хумайнӣ дар миёни мардуми Тоҷикистон аз эҳтироми хос бархӯрдор мебошад. Бо истифода аз фурсат, мехоҳам сипоси самимонаи худ ва Парлумони Тоҷикистонро барои кӯмакҳои башардӯстона ва беғаразатон ба Шумо бирасонам.

Мо итминон дорем, ки фаъолияти Кумитаи имдод дар риштаҳои гуногуни фанниву фарҳангӣ ва бозомӯзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам тавсеа меёбад.

Ҳусайни Анворӣ аз пазироиии Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қадрдонии мардуми тоҷик нисбат ба кӯмакҳои Кумитаи имдоди имом Хумайнӣ ибрози хушҳолӣ карда, таъкид кард, ки мо хостори дидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари тараққикарда ҳастем ва итминон дорем, ки ин кишвари дӯсту бародар аз лиҳози пешрафтҳои иқтисодӣ дар канори дигар мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон қарор хоҳад гирифт.

Вай ҳамчунин изҳор намуд, ки Кумитаи имдод ният дорад, фаъолияти худро дар бахшҳои гуногун дар Тоҷикистон, аз ҷумла дар бахши таъсиси маркази таълимӣ, корхонаи қолинбофӣ, наққошӣ, ҳунарҳои мардумӣ, риштаҳои гуногуни фанниву фарҳангӣ ва бозомӯзӣ дар Душанбе ва дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ густариш диҳад.

Дар мулоқот Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Алӣ Асғари Шеърдӯст, Разавӣ – роҳбари феълии Дафтари намояндагии Кумитаи имдоди имом Хумайнӣ дар Тоҷикистон, Ибодӣ – роҳбари нави Дафтари намояндагии Кумитаи имдоди имом Хумайнӣ дар Тоҷикистон, Туробиён -мудири кулли Дафтари Кумитаи имдоди имом Хумайнӣ, Деҳбошиён – мудири кулли иҷроияи равобити хориҷии Кумитаи имдоди имом Хумайнӣ иштирок доштанд.

***М. ҲОТАМОВ,***
***мудири Котиботи роҳбарияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

## Нақби «Шаҳристон» ба истифода дода мешавад

**11 сентябри соли равон Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Оқил Оқилов бо ҷараёни корҳои сохтмонӣ дар нақби мошингузари «Шаҳристон», ки дар марҳилаи анҷомёбӣ қарор дорад, шинос шуд.**

Тавре аз котиботи Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ доданд, Оқил Оқилов бевосита бо ҷараёни корҳои омодасозии ҳар ду қисмати нақб барои мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанаш шинос шуда, доир ба тезонидани корҳои сохтмонӣ ва ороишотӣ, инчунин фароҳамсозии шароити созгори равшанидиҳию ҳавотозакунӣ ба масъулини соҳа ва мутахассисон дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Маълум гардид, ки айни замон корҳо мувофиқи мақсад ба роҳ монда шуда, наздики 700 нафар коргари маҳаллӣ ва мутахассиси хитойӣ ба таври шабонарӯзӣ корро пеш мебаранд.

Сипас, дар маҳали сохтмони нақб дар ҳузури Сарвазири мамлакат Оқил Оқилов ситоди корӣ доир шуд, ки дар он нақшаи корҳои сохтмонии дар ду ҳафтаи охир иҷрошуда ва вазифаҳои навбатӣ барои ду ҳафтаи оянда баррасӣ гардид.

Хотиррасон бояд кард, ки нақби «Шаҳристон» бо дарозии 5200 метр дар шоҳроҳи Душанбе - Айнӣ- Истаравшан - Хуҷанд- Бӯстон аз ҷониби мутахассисони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой сохта, ба истифода дода мешавад.

***АМИТ «Ховар»***

**● Вакил ва интихобкунанда**

## Вохӯрӣ бо интихобкунандагони шаҳри Роғун ва ноҳияи Файзобод

Дар доираи мулоқоту вохӯрии вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо интихобкунандагон Меҳроҷиддин Ҳакимов ва Зиёратшо Саъдулло бо истиқоматкунандагони шаҳри Роғун ва ноҳияи Файзобод вохӯрӣ анҷом доданд.

Тибқи иттилои Хадамоти матбуотии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот ба масъалаҳои марбут ба ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии ин минтақаи мамлакат таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд. Таъкид гардид, ки тайи солҳои охир бо дастгирии роҳбарияти Давлату Ҳукумати кишвар ин нуқтаҳои аҳолинишин тамоюли рушду инкишофи устуворро касб кардаанд. Намояндагони халқ ҳамчунин таваҷҷуҳи интихобкунандагони худро ба фаъолияти вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонуну қарорҳои қабулнамудаи ин мақоми олии қонунгузор ҷалб намуданд. Зикр гардид, ки вакилони Маҷлиси намояндагон бо мақсади мусоидат намудан ба фаъолияти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат ба қонунҳои амалкунанда як қатор тағйиру иловаҳо ворид карданд. Аз ҷумла ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасии мардумро ба замин ва ба таври мунсифона ва саманок истифода намудани он осон намуда, барои некуаҳволӣ ва беҳтар гардидани вазъи зиндагии мардуми кишвар заминаи ҳуқуқӣ фароҳам меорад.

Дар мулоқоти вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо интихобкунандагон ҳамчунин дар бораи Кодекси нави андоз, ки рӯзи 5 сентябри соли ҷорӣ дар ҷаласаи Иҷлосияи дуюми ғайринавбатии ин мақоми олии қонунгузор қабул гардид, изҳори назар карда шуд. Масъалаҳои марбут ба мактабу маориф, аз ҷумла ҷалби ҷавонон ба омӯзиши илмҳои муосир, омодагӣ ба зимистони дарпешистода, ҷамъоварии ҳосили бо заҳмат рӯёндаи деҳқонон ва ғайра аз ҷумлаи масъалаҳое буданд, ки дар ин вохӯриҳо баррасӣ шуданд. Дар интиҳои вохӯрӣ байни вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интихобкунандагон саволу ҷавоб сурат гирифт.

***АМИТ «Ховар»***

## Мулоқоти Галия Рабиева бо сокинони ноҳияи Рӯдакӣ

**13 сентябри соли 2012 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Галия Рабиева бо интихобкунандагони худ дар деҳоти «Сарикиштӣ»-и ноҳияи Рӯдакӣ вохӯрӣ доир намуд.**

Галия Рабиева ҳадафи баргузории мулоқоту вохӯриҳо бо интихобкунандагонро таҳкими равобит байни вакил ва интихобкунанда арзёбӣ карда, изҳор дошт, ки қисми зиёди таклифу пешниҳодҳои мардум, ки аз чунин мулоқотҳо бармеоянд, ҳангоми таҳия ва қабули қонун ва дигар санадҳо ба инобат гирифта мешаванд, зеро бештари ин пешниҳодҳо аз зиндагии рӯзмарраи аҳолӣ маншаъ мегиранд.

Дар мулоқот дар баробари аҳамият ва зарурати таҳия ва қабули дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳамчунин дар бораи Кодекси нави андоз, ки дар аввалҳои моҳи ҷорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида буд, изҳори назар карда шуд.

Аҳолии деҳоти «Сарикиштӣ»-и ноҳияи Рӯдакӣ зимни изҳори андешаҳои худ дар бораи Кодекси мазкур хушбинии хешро баояндаи он иброз доштанд.

Галия Рабиева дар бораи фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот дода, таъкид кард, ки намояндагони мардумӣ зимни таҳия ва қабули қонуну қарор ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавқеъ ва манфиати ҳамаи табақаҳои ҷомеаи Тоҷикистонро ба назар гирифта, дар асоси он барои қабули ин санадҳо иқдом менамоянд.

Мавзӯъҳои марбут ба фаъолияти Маҷлиси намояндагон дар самти тақвияти ҳамкориҳо бо парлумонҳои кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои гуногуни байналмилалию минтақавӣ, соҳаи мактабу маориф, пардохти саривақтии андозҳо ва ба воя расонидани фарзандон дар рӯҳияи ватандӯстиву меҳанпарастӣ низ аз ҷумлаи масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи интихобкунандагон буд.

***Хадамоти матбуотии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

## Пешравии ҷомеа аз солимии аҳолӣ вобаста аст

**Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Домуллоҷон Ҷабборов ва Мунаввара Кенҷаева бо интихобкунандагони худ дар Беморхонаи клиникии шаҳрии рақами 1-и шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд мулоқот намуданд.**

Онҳо табибонро муҳимтарин қишри ҷомеаи ҳар кишвар арзёбӣ намуда, изҳор доштанд, ки саломатӣ ваояндаи шахсони муроҷиаткунанда аз онҳо вобастагӣ дорад. Таъкид шуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ намудан аз эҳтимоли афзоиши бемориҳо дар кишвар тадбирҳои зарурӣ андешидааст. Баланд бардоштани маоши кормандони соҳаи тиб ва афзоиши буҷети соҳаи мазкур аз ҷумлаи ғамхориҳои роҳбарияти Давлату Ҳукумати мамлакатамон таҳти сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Дар мулоқот дар бораи таҳкими суботу амният дар мамлакат сухан рафта, тазаккур дода шуд, ки шарти муҳим ва омили асосии барқарории сулҳу субот, оромӣ ва рушду нумуи тамоми кишварҳои сайёра қабл аз ҳама ба риоя ва иҷрои талаботи қонунҳо, шартномаву аҳдномаҳои дастаҷамъонаву байналмилалӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста мебошад.

Дар вохӯрӣ ҳамчунин роҷеъ ба дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳ, аз ҷумла қонунҳо ва санадҳои қабулнамудаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тадбирҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ, баланд бардоштани вазъи зиндагӣ, беҳтар намудани некуаҳволии мардум, содда намудани раванди андозситонӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкорону тоҷирон, беҳбудии вазъи мактабу маориф, ҷалби ҷавонон ба омӯзиши илмҳои муосир ва дигар масъалаҳо изҳори назар карда шуд.

***А.САЛОҲОВ,***
***муовини мудири Шӯъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

**● Дар Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**



Суратгир А. ИСОЕВ

## Деҳаи Тоҷик-Баталион Зарафшон мешавад

**12 сентябри соли 2012 ҷаласаи Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ баргузор гардид.**

Ҷаласаро муовини раиси кумита Иброҳим Абдуллоев оғоз намуд.

Тибқи рӯзномаи ҷаласа як масъала «Доир ба пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Бохтар» мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Муовини раиси Кумита И.Абдуллоев масъалаи мазкурро шарҳ дода, аз ҷумла зикр кард, ки мутобиқи пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклиф ба миён гузошта шудааст, ки номи деҳаи Коммунизм ба деҳаи Бӯстон, деҳаи Ленинюли ба деҳаи Баракат, деҳаи Учқун ба деҳаи Наврӯзи деҳоти «Навбаҳор», деҳаи Стаханов ба деҳаи ба номи Мирзо Турсунзодаи деҳоти Заргар, деҳаи Энгелс ба деҳаи Ваҳдатобод, деҳаи Ленинизм ба деҳаи Нури Ваҳдат, деҳаи Калинин ба деҳаи Лолазори деҳоти «Меҳнатобод», деҳаи Қизил Шарқ ба деҳаи Меҳробод, деҳаи Марксизм ба деҳаи ба номи Лоиқ Шералӣ, деҳаи Якуми май ба деҳаи ба номи Ҷалолиддини Румӣ, деҳаи Тоҷик -Баталион ба деҳаи Зарафшони деҳоти «Сарвати Истиқлол»-и ноҳияи Бохтар тағйир дода шаванд.

Дар маҷмӯъ, пешниҳод шудааст, ки дар ноҳияи Бохтар номи ёздаҳ деҳа тағйир дода шавад. Зарурати тағйир додан номи деҳаҳо бевосита ба Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, гиромидошти таъриху фарҳанги кишвар, мувофиқ намудани амали номгузорӣ ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» вобастагӣ дошта, нишони арҷгузорӣ ва тоза нигоҳ доштани забони давлатӣ, ба инобат гирифтани афкори умум ва хоҳиши сокинони ин деҳаҳо мебошад.

Пешниҳод доир ба тағйир додани номи деҳаҳои зикргардида дар маҷлисҳои умумии сокинони маҳалҳои номбурда, маҷлисҳои ҷамоатҳо, Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Бохтар ва Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон баррасӣ гардида, ҳамаҷониба дастгирӣ ёфтааст.

Пешниҳоди мазкур мутобиқи моддаи 23 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардида, бо дигар қонунҳои амалкунандаи ҳамин муносибатҳоро батанзимдароранда мухолифат надорад.

Маводи зарурӣ тибқи Феҳристи ҳуҷҷатҳои маълумотдиҳанда аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Аъзои Кумита С. Валиев, Т. Қарабоев, М. Сатторова ва дигарон зимни ибрози андешаҳои хеш оид ба ин масъала якдилона онро ҷонибдорӣ намуданд.

Хулосаи Кумита ҷиҳати дастгирии масъалаи зикргардида қабул ва ба баррасии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

***Тиллоги НЕКҚАДАМ,***
***«Садои мардум»***

**● Иҷлосияи тақдирсоз**

## Анҷумани фаромӯшнашаванда

Моҳи ноябри соли равон 20- солагии Иҷлосияи ХУ1 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми қаламрави мамлакат ботантана таҷлил мегардад. Сокинони кишвар, аз ҷумла мардуми меҳнатқарини ноҳияи Спитамени вилояти Суғд баргузории ин Иҷлосияи тақдирсозро аз таваҷҷуҳи Парвардигор ба мардуми азияткашидаи тоҷик мешуморанд.

-Вақт зудгузар аст. Аллакай аз он айёми бесаранҷомии кишварамон бист сол сипарӣ мешавад,- ба ёд меорад омӯзгори фанни таърихи мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №3-и ноҳияи Спитамен Моҳира Юнусова. -Ман он замон донишҷӯйи курси чоруми Донишгоҳи давлатии шаҳри Хуҷанд будам ва азобу мушкилиҳои он давраро хуб дар ёд дорам. Вазъият хеле вазнин буд. Иқтисодиёти мамлакат фалаҷ гашта, ҳамаи корхонаҳои саноатӣ аз кор монда буданд. Соҳаи кишоварзӣ бошад, ҳоли табоҳ дошт. Ҷони мардум дар азоб буд. Дар ҷануби кишвар бар асари ҷанги шаҳрвандӣ қурбониҳои зиёд ба вуҷуд омада, ҳазорон нафар ҳамватанони мо тарки Ватан карда, дар ғарибӣ умр ба сар мебурданд. Ба давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон хатари азбайнравӣ ва бардошташавӣ аз харитаи сиёсии ҷаҳон таҳдид мекард. Дар чунин вазъият аҳли кишвар роҳбареро орзу мекарданд, ки ҷилави давлатро ба даст гирифта, халқи парешонгаштаашро сарҷамъ намуда тавонад.

Аз ин рӯ, 16 ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби Хуҷанди бостонӣ ин Иҷлосияи тақдирсоз ба кори худ оғоз кард, то ба хунрезиҳои бемаънӣ хотима дода, кишварро аз вартаи ҳалокат берун орад. Рӯзи 19-уми ноябр Шӯрои Олӣ дар Иҷлосияи худ масъалаи интихоби Раиси Шӯрои Олиро мавриди баррасӣ қарор дод. Ёд дорам, ки ба ин вазифа чанд нафар пешбарӣ ҳам шуданд, вале онҳо бо ҳар баҳона номзадии худро бозпас гирифтанд. Сипас, вакили халқ А.Мирзоев номзадии Эмомалӣ Раҳмонро ба вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ кард. Ин пешниҳод ба вакилони халқ маъқул омад. Аксари онҳо ба ҷонибдории Эмомалӣ Раҳмон овоз доданд ва ҳамин тавр Сарвари мақомоти олии қонунгузори кишвар ва ҳамзамон Роҳбари давлат интихоб шуд.

Дар чунин лаҳзаҳои ҳассосу мушкил Эмомалӣ Раҳмон сарварии давлатро ба ӯҳда гирифта, қавл дод, ки тамоми кӯшишу ғайрати худро барои тинҷиву осоиштагии Ватани азизаш ва халқи ҷафокашидаи он сарф хоҳад кард.

Ин Иҷлосия бисёр масоили доғи рӯзро мавриди баррасӣ қарор дод. Диққати асосӣ барои аз бӯҳрон баромадан, хотима бахшидан ба ҷанги бародаркуш, баргардондани гурезаҳои иҷборӣ ва дигар қазияҳои мавҷуда нигаронида шуда буданд. Барои амалӣ гардонидани ин мақсадҳо ба Сарвари давлат ва тарафдоронаш лозим меомад, ки шабу рӯз хаста нашуда меҳнат кунанд.

Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвари матинирода тавонист дар муддати кӯтоҳ мушкилоту муаммоҳои мавҷударо ҳал карда, иқтисодиёти кишварро ба по рост кунад. Заҳмати шабонарӯзӣ ва меҳнати пурбаракати ӯ самараи нек ба бор овард. Дар андак фурсат иқтисодиёти кишвари мо аз бозмондагӣ берун шуда, рӯ ба инкишоф ниҳод. Корхонаҳои саноатӣ яке паси дигаре ба кор сар карданд. Соҳаи кишоварзӣ низ «қомати худро рост» кард. Ҳазорон гурезаҳо аз кишварҳои хориҷӣ баргардонида шуданд.

Ба аҳолии деҳот тақсим шудани 75 ҳазор гектар замин боиси бо озуқа, махсусан гандум, таъмин шудани мардум гардид ва онҳоро ба рӯзҳои серу пур расонд.

-Ба гузашта назар афканам, шод мешавам, ки он рӯзҳои даҳшатзо паси сар шуданд. Имрӯз фаровонии дастурхони мардумро дида, кас ба ваҷд меояд ва шукронаи онро мекунад, ки дар ҷумҳурии азизамон сулҳу салоҳ ва тинҷию осудагӣ ҳукмфармост. Ҳамаи ин натиҷаи сиёсати хирадмандона ваояндабини Сарвари давлатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Мо бояд ба қадри чунин рӯзгори хуш бирасем ва баҳри ободии кишвари азизамон тамоми саъю кӯшишу ғайрати хешро равона намоем,- мегӯяд омӯзгор Моҳира Юнусова.

Ин андеша на танҳо андешаи ӯст, балки мақсаду мароми тамоми заҳматкашони соҳибхиради Тоҷикистон аст.

***Ҳусейни НАЗРУЛЛО,***
***«Садои мардум»***

● Дар партави Паём

# Саломатии аҳолӣ аз сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯроквориӣ низ вобаста аст

### Соли 2012 – соли баланд бардоштани сифати истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва рушди системаи менеҷменти сифат

**Назорати сифати маҳсулот ва ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунанда яке аз масъалаҳои мубраму доғи рӯз маҳсуб ёфта, ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи Давлату Ҳукумати мамлакат қарор дорад, зеро аҳамияти ин соҳа дар сиҳатии мардум басо муҳиму назаррас аст. Президенти мамлакат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 аҳамияти фаъолияти Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъкид намуда, ба масъулони соҳа як қатор дастуру супоришҳо дод. Дар ин робита суҳбате доштем бо директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бахтиёр Шукуров.**

**- Муҳтарам Бахтиёр Солиҷонович, бигӯед, ки дар Агентӣ ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Президенти мамлакат, ки дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардида буд, чӣ тадбирҳо андешида шудаанд?**

-Дар Паёми Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар ва роҳи тайнамудаи мардуми шарифи Тоҷикистон тӯли як сол мавриди таҳлил қарор гирифта, самтҳои асосии стратегии давлат муайян карда шуд.

Аз ҷумла Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати амалӣ намудани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №177 аз 28 апрели соли 2012 «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати татбиқи нишондодҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 баён гардидаанд», нақша-чорабиниҳои мушаххас таҳия намуда, ба ҳамаи зерсохторҳои дар минтақаҳо фаъолиятдошта ирсол намуд ва татбиқи он таҳти назорати доимӣ аст.

Илова бар ин, дар ҳамаи зерсохторҳо бо иштироки муовинони директори Агентии «Тоҷикстандарт» ва намояндагони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, оид ба иҷрои супоришҳои Президенти мамлакат ҷамъомадҳои муштарак доир гардида, фаъолияти марказҳо ҷиҳати дастгирии соҳибкории хурду миёна мавриди баррасӣ қарор гирифт. Аз ҷумла оид ба ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалӣ ва дар ин замина баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ таъкид шуд.

«Соли 2012-соли баланд бардоштани сифати маҳсулоти ватанӣ ва рушди системаи менеҷменти сифат» эълон шудааст. Барои татбиқи ин иқдом бо ташаббуси Агентии «Тоҷикстандарт» ва дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мамлакат озмуни ҷумҳуриявии «Маҳсулот ва хизматрасонии беҳтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор мегардад, ки он ҷо маҳсулоти хушсифати даҳҳо корхонаҳои истеҳсолии ватании ба талаботи стандартҳо ҷавобгӯй ва рақобатпазир муаррифӣ мешавад.

**-Дар ҳамин замина оиди ба роҳ мондани содироти молҳои истеҳсоли ватанӣ ва аз ҷиҳати сифат ба талабот ҷавобгӯ чӣ тадбирҳо андешида мешаванд?**

-Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки рушд ва пешбурди иқтисодиёти миллиро дар василаи ба роҳ мондани содироти молҳои ватанӣ ва истеҳсоли молу маҳсулоти босифати аз ҷиҳати экологӣ тоза ҷавобгӯй ба талаботи бозори ҷаҳонӣ бо сарфи ками неруи барқ пешбинӣ менамояд.

Таъмини сифати баланди маҳсулоти ватанӣ ва содироти молу маҳсулоти истеҳсолкунандагон ба бозорҳои ҷаҳонӣ барои мақом пайдо намудани мамлакат дар сатҳи иқтисоди байналмилалӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Аз ин лиҳоз, ба роҳ мондани содироти молу маҳсулот танҳо дар сурати истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва васеъ намудани номгӯйи он имконпазир мегардад.

Идоракунии сифат дар сатҳи ҷумҳурӣ қисми таркибии маҷмааи ягонаи идоракунии давлатии иқтисодиёт маҳсуб меёбад.

Дар ин робита, тибқи банди 8-уми Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июни соли 2012 «Дар бораи нақшаи кории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи дуюми соли 2012», Агентии «Тоҷикстандарт» лоиҳаи Барномаи миллии «Сифат»-ро барои солҳои 2013-2015 таҳия намуда, ҷиҳати баррасӣ ва мувофиқа кардан ба вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод намуд.

Ҳамин тариқ, яке аз супоришҳои Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон оиди кам намудани номгӯйи маҳсулоти сертификатсияшаванда ҳалли худро ёфт ва тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №310 аз 18 июни соли 2012 номгӯйи маҳсулоти ҳатман сертификатсияшаванда, ки аз тарафи Агентии «Тоҷикстандарт» таҳия шуда буд, тасдиқ гардид. Зикр кардан бамаврид аст, ки номгӯйи нав нисбат ба номгӯйи қаблӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 486 аз 1 октябри соли 2008 тасдиқ шуда буд, 2,5 маротиба камтар аст.

Инчунин Агентии «Тоҷикстандарт» вобаста ба амалӣ намудани марҳилаи аввали Стратегияи инфрасохтори сифат ва низоми танзими техникӣ Барномаи рушди озмоишгоҳҳоро ба нақша гирифта, ният дорад, марҳила ба марҳила 14 озмоишгоҳи марказҳои зертобеи худро, ки дар манотиқи гуногуни мамлакат фаъолият доранд, аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаронад, ки ин яке аз талаботи дохилшавӣ ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо мебошад. Дар соли 2012 аллакай се озмоишгоҳи ташхисии Агентии «Тоҷикстандарт» (Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа), тибқи талаботи стандарти байналмилалии ISO17025 «Талаботи умумӣ барои озмоишгоҳҳои санҷишӣ ва калибровкакунонӣ», аз тарафи мақомоти мустақили аккредитатсионӣ (Ҷумҳурии Қазоқистон) аккредитатсия шуд.

Оид ба дастгирии соҳибкории хурду миёна ва ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти босифати ватанӣ бо иштироки дигар мутахассисони соҳа шаш маротиба семинар-машваратҳо дар мавзӯъҳои баланд бардоштани сифати маҳсулоти гӯштӣ, тухм, яхмос ва нӯшокиҳои ташнашикан гузаронида шуд. Дар ин чорабиниҳо моҳияти бо стандартҳои байналмилалӣ ISO 9001, 22000 сертификат намудани маҳсулоти ватанӣ ва ҷорӣ кардани системаи менеҷменти сифатро ба соҳибкорон омӯзонданд.

Барои вусъати нав бахшидан ба соҳаи стандартонӣ ва таҳия намудани стандартҳо аз тарафи Агентии «Тоҷикстандарт» дар охири соли 2011-ум кумитаҳои техникӣ ташкил шуда буд. Кумитаҳои техникии навтаъсиси «Маҳсулоти хӯроквориӣ» ва «Энергетика ва сарфаҷӯйии энергия» дар оянда масъалаи стандартониро дар доираи салоҳияти худ ба роҳ монда, ҷиҳати вусъат додани стандартҳо ёрии худро мерасонанд. Айни замон ду лоиҳаи стандарт ба Кумитаи техникии «Маҳсулоти хӯроквориӣ» барои таҳия бо ҷалби тарафҳои манфиатдор пешниҳод гардидааст.

**-Ҳамкориҳои Агентии «Тоҷикстандарт» ҷиҳати рушди соҳа бо созмонҳои байналмилалӣ чӣ гуна ба роҳ монда шудааст?**

- Агентии «Тоҷикстандарт» бо як қатор давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ робитаҳои соҳавӣ ва доимӣ дошта, ҳамчун мақомоти миллӣ оид ба стандартизатсия, метрология, аккредитатсия ва тасдиқи мутобиқат Тоҷикистонро дар ташкилотҳои байналмилалӣ (ISO, Комиссияи Кодекс Алиментариус), минтақавӣ (Шӯрои байнидавлатӣ оид ба стандартизатсия, метрология ва сертификатсияи давлатҳои аъзои ИДМ, Ассотсиатсияи байниминтақавӣ оид ба стандартизатсия (МАС), EASC, RSO, COOMET, IAF ва ғайра) муаррифӣ менамояд.

Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ 12 нафар дар хориҷи дуру наздик, чор нафар дар семинарҳои сатҳи байналмилалӣ савияи дониши худро баланд бардоштанд. Айни ҳол 69 нафар мутахассисони соҳа дорои дараҷаи эксперти байналмилалӣ мебошанд.

Чанде қабл дар баробари ба имзо расидани Ёддошти тафоҳум байни Агентии «Тоҷикстандарт» ва Маркази миллии аккредитатсионии Ҷумҳурии Қазоқистон, инчунин созишнома бо Корхонаи давлатии «Институти сохтмонии техникӣ ва ташхисии Прага» (мақомоти интихобшуда оид ба сертификатсияи Иттиҳоди Аврупо дар соҳаи маҳсулоти кимиёвӣ ва масолеҳи сохтмонӣ) дар бораи ҳамкориҳо барои аз байн бурдани монеаҳои техникӣ дар савдо бо роҳи ҷорӣ намудан ва сертификатсиякунонии системаҳои байналмилалии идоракунӣ, баҳодиҳии мутобиқати маҳсулот ба талаботи стандартҳои аврупоӣ ва додани ҳуҷҷатҳо нисбат ба тамғаи «СЕ», инчунин тайёр кардани аудиторҳои баландихтисос ба имзо расид.

Иҷрои талаботи созишнома омодагии ҷумҳуриро ба аъзогии Созмони Умумиҷаҳонии Савдо таъмин хоҳад кард.

Аз 29 май то 1 июни соли равон дар Женева бо ташаббуси Шӯъбаи савдо ва заминистифодабарии устувори Комиссияи Аврупоии Иқтисодии Созмони Милали Муттаҳид (КАИ СММ) ҷаласаи Гуруҳи корӣ оид ба стандартҳои кишоварзӣ баргузор гардид, ки дар кори он кормандони Агентии «Тоҷикстандарт» низ иштирок намуданд.

Дар доираи ҳамкориҳои байни Агентии «Тоҷикстандарт» ва КАИ СММ, инчунин баҳри амалӣ намудани тавсияҳои семинари байналмилалӣ дар мавзӯи «Истифодабарии стандартҳои кишоварзии сифат дар регламентҳои техникӣ ва истифодаи стандартҳо дар савдои байналмилалӣ», ки моҳи сентябри соли 2011 дар вилояти Суғд баргузор шуд, аз ҷониби мутахассисони Агентии «Тоҷикстандарт» ду лоиҳаи стандарти аврупоӣ оид ба меваи тару тоза таҳия гардид.

Бори аввал аз ҷониби намояндагии Тоҷикистон дар ҷаласаи Гуруҳи корӣ лоиҳаҳои стандартҳои КАИ СММ оид ба хурмо ва биҳии тару тоза барои баррасӣ пешниҳод гардиданд. Пас аз муҳокима лоиҳаҳо бо тағйиру иловаҳо, тибқи тартиботи амалкунанда, барои баррасӣ ба давлатҳои аъзои СММ, ки дар ҷаласа ширкат надоштанд, равон карда мешаванд ва дар ҷаласаи навбатии Гуруҳи корӣ аз нав баррасӣ мегарданд.

Қобили зикр аст, ки ширкати намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лоиҳаҳои ба муҳокима гузошташуда аз ҷониби масъулини КАИ СММ ва иштирокчиёни ҷаласа хуб пазируфта ва ҷонибдорӣ шуданд.

**-Оид ба татбиқи Стратегияи рушди инфрасохтори миллии сифат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012 ва доир ба ислоҳоти системаи танзими техникӣ Агентии «Тоҷикстандарт» чӣ чораҳо андешидааст?**

- Доир ба иҷрои нақша чорабиниҳои Агентии «Тоҷикстандарт» ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бамеъёрдарории техникӣ фонди стандартҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро омӯхта, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-техникиеро, ки дар онҳо талаботи бехатарӣ дарҷ гардидааст, ҷудо намуда, аз ҳисоби онҳо номгӯйи ҳуҷҷатҳои меъёрии техникии талаботашон ҳатмӣ (регламентҳои техникии муваққатӣ)-ро таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Ҳамин тариқ, зиёда аз 1121 ҳуҷҷати меъёрии техникии талаботашон ҳатмӣ ҳамчун регламентҳои техникии муваққатӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуданд. Бо мақсади рушди соҳаи стандартонӣ ва мутобиқ гардонидани он ба низоми байналмилалӣ аз тарафи Агентии «Тоҷикстандарт» «Тартиби таъсис ва пешбурди фонди давлатии стандартҳо» таҳия шуд ва бо Қарори марбутаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ» иҷрои танҳо талаботи ҳатмии регламентҳои техникиро дар қисмати бехатарӣ ба маҳсулот ва хизматрасонӣ муайян менамояд. Барои иҷрои талаботи мазкур дар Агентии «Тоҷикстандарт» ҳамаи коргузории соҳаи назорати давлатӣ, сертификатсия, ташхиси маҳсулот дар асоси талаботи регламентҳои техникии муваққатӣ ба роҳ монда шуд.

Бо назардошти талаботи аъзошавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ» ва «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат» қабул шуданд ва лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯроквориӣ» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шуда, ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Тибқи нақша гузаронидани даври аввали ислоҳоти «Инфрасохтори миллии сифат» ва таҳлили зарурати ислоҳоти мақомоти дигари иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи танзими техникӣ пешбинӣ шудааст. Айни ҳол, заминаи ҳуқуқии ин ислоҳот омода шуда истодааст, яъне қабули қонунҳои соҳаи танзими техникӣ ва ислоҳоти мазкур дар муҳлати муқаррааргардида амалӣ карда мешавад.

**-Яке аз самтҳои асосии фаъолияти Агентӣ ин тоза нигоҳ доштани бозори истеъмолии мамлакат мебошад. Дар ин ҷода оид ба супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чӣ корҳо ба сомон расонида шуданд?**

-Ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва тоза нигоҳ доштани бозори истеъмолӣ аз молу маводи пастсифату зараровар, таъмини амнияти озуқаворӣ мутахассисони назорати давлатӣ фаъолияташонро аз болои сифати молу маҳсулоти ғизоӣ ва ғайриистеъмолӣ пурзӯр намуда, баъди ташхис дар озмоишгоҳҳо чандин тонна молу маҳсулотро аз қабили равғану ҳасиб, маҳсулоти ширию қаннодӣ, меваю сабзавот ва ғайра, ки ғайристандартӣ дониста шуда буданд, тибқи санаду ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, несту нобуд намуданд. Қариб 90 тонна маҳсулоти ғайристандартӣ, аз ҷумла маҳсулоти қаннодӣ 22 тонна, машруботи спиртӣ 1697 дал, нӯшокиҳои ғайриспиртӣ 2694 дал, иловаҳои хӯроквориӣ 10,6 тонна, маҳсулоти ширӣ 2,3 тонна, консерваҳо 6,7 тонна ошкор ва бо иштироки комиссияи дахлдор нобуд карда шуд. Ҳамчунин дар ин давра 1602 тонна сӯзишвории (бензин) воридотӣ ва 217 тонна бензин дар бозори дохилӣ ғайристандартӣ дониста, ба тамғаи дигар гузаронида шуд. Бензинҳое, ки аз рӯйи нишондоди адади октанӣ ғайристандартӣ дониста шуда буданд, баъд аз додани амрия ва назорат аз рӯйи тамғаи муайяннамудаи озмоишгоҳ ба муомилот баровarda шуданд.

Мутобиқи моддаи 39-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба назорати сифат ва бехатарии маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ дар назди Агентии «Тоҷикстандарт» таъсис дода шуда, тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Низомномаи Шӯрои мазкур дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қайди давлатӣ гузашт. Оид ба таъмини сифат ва бехатарии масолеҳи сохтмонӣ ва хӯроквории зераксизӣ ва ғайриаксизӣ ду маротиба дар соли 2011 ва санаи 19 июни соли 2012 ҷаласаи навбатии ин Шӯро дар Агентии «Тоҷикстандарт» гузаронида шуд. Дар ҷаласаҳо намояндагони Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти назорати давлатии байтории Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар мақомоти назоратӣ, ки аъзои Шӯрои мазкур мебошанд, ширкат варзиданд. Дар ҷаласа ҷиҳати таъмини сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯроквориӣ ва масолеҳи сохтмонӣ қарори дахлдор қабул карда, тибқи он баҳри пурзӯр намудани ҳамкориҳои мақомоти назоратӣ барои нимсолаи дуюми соли ҷорӣ нақшаи чорабиниҳо тартиб дода шуд.

Дар ин самт бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ ҳамкориҳои судманд дорем ва дар давоми нимсолаи соли ҷорӣ 425 мактуб аз ҷониби ин мақомот ворид шудааст. Мо ба онҳо сари вақт ҷавоби мушаххас ирсол намудем, яъне ҳамкориҳо амалӣ шуда истодаанд.

Оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» 87 аризаи шикоятии шаҳрвандон, ки мазмуни аксарияти онҳо иборат аз паст будани сифати маҳсулот ва фиреби харидорон мебошад, ба Агентии «Тоҷикстандарт» ворид шудааст, ки онҳо ба тариқи мусбӣ ҳалли худро ёфтанд.

Тоза нигоҳ доштани бозори истеъмолии мамлакат ва ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон дар маркази диққати доимии кормандони Агентии «Тоҷикстандарт» қарор дорад ва дар ин самт пайваста тадбирҳо андешида мешаванд.

Албатта, ман гуфтанӣ нестам, ки мо мақсаду вазифаҳоямонро пурра ба анҷом расонидаем ва ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки имрӯз бозори истеъмолии мардум аз молу маводи пастсифат эмин аст, балки ҳадафи асосӣ он аст, ки истеъмолкунандагон дар маҷмӯъ бо воситаҳои асосӣ таъмин ва рӯзгори осуда дошта бошанд. Бинобар ин, мушкилот хеле зиёд аст ва зина ба зина ҳалли худро ёфта истодаанд. Итминон дорам, ки фақат бо қадамҳои устувор, азми қатъӣ ва садоқат ба кор мо онҳоро ҳал карда метавонем.

**-Саломат бошед!**

***Зӯҳра САФАРЗОДА***

● Вакилони халқ 1938-2010



## ДАЪВАТИ ШАШУМ 1963 - 1967

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**



**ГАДОЕВА Истад**

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ленин №136, ноҳияи Колхозобод***

Соли 1923 дар ноҳияи Панҷакент таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёна.

Аз соли 1938 то соли 1951 дар колхози ба номи Рӯдакии ноҳияи Панҷакент кор кардааст. Аз соли 1951 то соли 1953 узви артели хоҷагии деҳоти ба номи Ленини ноҳияи Колхозобод, аз соли 1953 говдӯши артели хоҷагии деҳоти ба номи Ленини раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Колхозобод буд.

Бо медали «Барои меҳнати шуҷоатнок» мукофотонида шудааст.



**ИСОЕВ Сироҷиддин**

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Калинин №137, ноҳияи Колхозобод***

Соли 1911 дар деҳаи Патари ноҳияи Конибодом таваллуд ёфтааст. Миллаташ ӯзбек.

Инструктори Комиҷроияи ноҳияи Колхозобод, мудири шӯъбаи молия, раиси Комиҷроияи ноҳия шуда кор кардааст. Соли 1950 котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Колхозобод, аз соли 1963 котиби Кумитаи ҳизби коммунисти раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Колхозобод буд.

Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ. Бо орденҳои Ленин ва Байрақи Сурхи Меҳнат, бо медали «Барои меҳнати шуҷоатнок дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**САТТОРОВА Ӯлдон**

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ҷиликӯл №138, ноҳияи Колхозобод***

Соли 1940 дар ноҳияи Колхозобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ ӯзбек, таҳсилоташ миёна.

Аз соли 1955 то соли 1962 узви артели хоҷагии деҳоти «Янгибод»-и ноҳияи Колхозобод шуда кор кардааст. Аз соли 1962 сардори бригадаи пахтакории ҳамин артел буд.



**ГАЧЕЧИЛАДЗЕ Дмитрий Захарович**

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Колхозобод №139, ноҳияи Колхозобод***

Соли 1913 дар шаҳри Тошканди ҶШС Ӯзбекистон таваллуд ёфтааст. Миллаташ гурҷӣ, таҳсилоташ олӣ.

Сардори Раёсати геологии Тоҷикистон, ҷонишини раиси Шӯрои Вазирони ҷумҳурӣ ва раиси Шӯрои хоҷагии халқи Тоҷикистон шуда кор кард. Аз соли 1961 директори Идораи нафт ва газковии Раёсати геология ва муҳофизати сарватҳои зеризаминӣ дар назди Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон буд.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ», медалҳои «Барои меҳнати шуҷоатнок дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**БОРОНОВА Шарифамоҳ**

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Навобод №140, ноҳияи Колхозобод***

Соли 1940 дар ноҳияи Норак таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик.

Аз соли 1956 дар совхози «Коммунизм»-и раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Колхозобод ба фаъолият оғоз намуда, баъдан низ дар хоҷагии мазкур кор кардааст.



**ОТАБЕКОВ Умарбек**

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Шӯро №141, ноҳияи Колхозобод***

Соли 1930 дар деҳаи Ёваи ноҳияи Хуҷанд таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Аз соли1946 узви артели хоҷагии деҳоти «40-солагии Октябр»-и ноҳияи Колхозобод, муҳандис, назоратчии истгоҳи мошину тракторени Коминтерн шуда кор кард. Аз соли 1959 котиби Кумитаи ҳизбии ноҳияи Колхозободи ҲК Тоҷикистон ва аз соли 1960 раиси Комиҷроияи Шӯрои вакилони меҳнаткашони ноҳияи Колхозобод буд.

Бо медали «Барои меҳнати шоён» мукофотонида шудааст.



**ҚОРЁҒДИЕВ Мавлон**

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Сурх №142, ноҳияи Колхозобод***

Соли 1923 дар ноҳияи Колхозобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ туркман.

Инструктори Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳия, сардори идораи ноҳиявии саноати гӯшту шир, намояндаи Вазорати маҳсулоттайёркунии СССР оид ба ноҳияи Ҷиликӯл кор кардааст. Аз соли 1951 раиси артели хоҷагии деҳоти «Москва»-и раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Колхозобод буд.

Бо ордени Шарафи дараҷаи III ва медалҳои «Барои ишғол намудани Берлин», «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудаст.



**ЮСУФБЕКОВ Рустамбек**

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Тӯғолон №143, ноҳияи Колхозобод***

Соли 1923 дар деҳаи Рини ноҳияи Ишкошим таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ. Номзади илми иқтисодӣ, дотсент.

Фаъолияти меҳнатии худро соли 1941 сар кардааст. Аз соли 1945 то соли 1951 дар корҳои ҳизбӣ ва омӯзгорӣ буд.

Соли 1959 ба кори роҳбарикунандаи дастгоҳи КМ ҲК Тоҷикистон пешбарӣ карда шуда,ҷонишин ва мудири шӯъба кор кардааст. Аз моҳи январи соли 1963 Вазири маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон буд.



**ҶУМЪАЕВ Сафар**

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Узун №144, ноҳияи Колхозобод***

Соли 1918 дар ноҳияи Шӯрчаи ҶШС Ӯзбекистон таваллуд ёфтааст. Миллаташ ӯзбек, таҳсилоташ миёнаи нопурра.

Соли 1938 котиби правленияи артели хоҷагии деҳоти «Пахта-арал»-и ноҳияи Колхозобод буд. Солҳои 1939-1946 дар сафҳои Армияи Шӯравӣ хизмат намуд ва дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ иштирок кард.

Солҳои 1946-1957 дар ташкилотҳои ҳизбӣ, Шӯравӣ ва хоҷагии ноҳияи Колхозобод кор мекард. Аз соли 1957 раиси колхози ба номи К.Маркс буд.

**(Давомаш дар шумораҳои оянда)**

**Ба диққати хонандагони рӯзнома!**

**Хоҳишмандон метавонанд китоби «Вакилони халқ 1938-2010»-ро аз Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-35-53, 221-96-78**

# Таъмини суботи кишвар аз риояи талаботи қонунгузорист

**Дар аксари кишварҳои ҷаҳон асосҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ дар доираи талаботи Конститутсияи ҳамон кишвар ба роҳ монда мешавад. Хусусан давлатҳои тозабунёд аввалин амале, ки баъди ба даст овардани истиқлолият анҷом медиҳанд, таҳия ва қабули Конститутсия мебошад. Фаҳмиши муосири Конститутсия ва нақши воқеии он дар ҷомеа аз гуногунпаҳлуйӣ ва мураккабии он шаҳодат медиҳад. Конститутсия ҳамчун ҳуҷҷати сиёсию ҳуқуқӣ дар таъмини суботи кишвар, созмони сохтори давлатдорӣ ва таъмини истиқлолият нақши бориз дорад.**

Бо қабули Конститутсияи (Сарқонуни) амалкунанадаи Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи нав дар таърихи давлатдории мо оғоз шуд. Дар ин давра сохтори нави давлатӣ барқарор гашт.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакат дар кори мустаҳкам кардани қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, муҳофизати ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон ба фаъолияти мақомоти судӣ диққати махсус медиҳанд. Дар ин бора он далел шаҳодат медиҳад, ки давоми солҳои охир аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати ҷумҳурӣ силсилаи санадҳое ба тасвиб расиданд, ки онҳо ба мустаҳкам намудани фаъолияти мақомоти судӣ нигаронида шудаанд.

Судяҳо дар фаъолияти худ мустақил буда, танҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон итоат мекунанд. Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доимо таъкид мекунанд, ки ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро танҳо суде таъмин карда метавонад, ки неруманд ва дахлнопазир бошад. Ташаккул ва созмондиҳии чунин суд яке аз вазифаҳои асосии Шӯрои адлия ба ҳисоб меравад.

Мустақилӣ ва ягонагии ҳокимияти судӣ онро ифода мекунад, ки судҳо дар Тоҷикистон мақоми ягона буда, фақат аз нигоҳи салоҳияти худ тафовут доранд. Мустақилии судҳо дар татбиқи салоҳият аз тариқи итоати онҳо танҳо ба Конститутсия ва қонун муқаррар гардидааст.

Бо мақсади амалӣ гардонидани кафолатҳои конститутсионӣ суд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст ҳуқуқ, озодии инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро, ки Конститутсия, дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Тоҷикистон муқаррар намудаанд, ҳифз намояд.

Бо ҳамин васила суд вазифаи конститутсионии худро ҷиҳати таҳкими ҳамаҷонибаи қонуният ва таъмини адолати иҷтимоӣ ба анҷом мерасонад. Адолати судӣ дар заминаи асосҳои демократие ба амал бароварда мешавад, ки онҳо аз моҳияту вазифаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд бармеоянд. Ин асосҳоро принсипҳои адолати судӣ меноманд, ки дар Конститутсия ва қонунҳо муқаррар карда шудаанд.

Амалӣ гаштани адолати судӣ шакли махсуси фаъолияти давлатие мебошад, ки бо ҳалли ҳама гуна баҳсҳо оид ба вайрон шудан ё эҳтимолияти вайрон шудани тартиботи ҳуқуқӣ алоқамандӣ дошта, мутобиқи тартиби бо қонун муқаррааргардидаи шаклҳои мурофиавӣ, бо риоя намудани қоида, тартиб ва принсипҳои истеҳсолоти судӣ ба иҷро расонида мешавад.

Таъсиси Шӯрои адлия барои мустаҳкам намудани ҳокимияти судӣ ва ба ин васила ба таъмини ҳифзи амнияти давлат, асосҳои демократӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон мусоидат намуда, ҳамчун мақоми конститутсионӣ бевосита таъмин ва ташкилкунандаи фаъолияти судӣ мебошад. Бо мақсади дар амал татбиқ намудани меъёрҳои Конститутсия, аз ҷумла пурзӯр намудани ҳокимияти судӣ ва устуворона ба роҳ мондани василаи мустақилияти судҳо, баланд бардоштани нақш ва мавқеи судҳо дар ҷомеа, иҷрои пурраи консепсияи давлатии ислоҳоти судӣ дар мамлакат, интихоб ва пешниҳоди номзадҳои арзанда ба мансаби судягӣ, омӯзиши ҳамаҷонибаи кормандони дастгоҳҳои судӣ дар руҳияи таъмини волоияти қонун, принсипҳои конститутсионӣ шарти зарурист ва он ба ташаккули сиёсати ягонаи давлатӣ мусоидат менамояд. Фаъолияти Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгоҳи он ба мукаммалгардонии қонунгузории ҷорӣ оид ба таъмини мустақилияти судҳо, таъмини воқеии беҳдошти шароити фаъолияти корӣ, ташкилию моддии судҳо ва фароҳам овардани имкони васеъ барои ба амал баровардани адолати судӣ нигаронида шудааст.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ ҷиҳати амалигардонии таъмини фаъолияти шаффофу ошкоро, аз ҷумла баланд бардоштани масъулияти судяҳо ҳангоми қабули қарорҳои қонуниву асоснок ва одилона, таъмини иҷрои санадҳои қабулкардаи судӣ, пешгирӣ намудани қонунвайронкуниҳо дар фаъолияти судяҳо ва адвокатҳо, аз ҷумла роҳ надодан ба амалҳои коррупсионӣ, ки боиси ташвишу нигаронии ҷомеа гардидаанд, ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи тахассус ва омодагии касбии судяҳо, махсусан судяҳои ҷавон тадбирҳои қатъӣ андешида шуда истодааст.

***З.ИСРОФИЛОВ, ҳуқуқшинос***

● Сӯҳбати рӯз

# САЛОМАТӢ САРВАТИ БЕНАЗИР АСТ,-

## мегӯяд Мирзоалӣ Миралиев -муовини сардори Раёсати тандурустии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб

**-Боре дар як ҷаласаи расмии масъулони минтақаи Кӯлоб, ки дар он сари масъалаи маъракаи обуна сухан мерафт, шояд ҳузури намояндагони рӯзномаҳоро вақти муносиб дониста, шумо гиламез ба ин тариқ гуфта будед: -Ҳамасола ба рӯзномаву маҷаллаҳои даврӣ обуна мешавем, мутаассифона, намояндагони онҳо оид ба бурду бохти мо- обуначиёни соҳаи тандурустӣ, қариб чизе наменависанд. Агар нависанд ҳам, маводи танқидӣ менависанд. Наход, ки дар фаъолияти мо ягон дастоварди шоистае набошад, ки лоиқи таҳсин бошад? Шумо чиро дар назар доштед? Бештар оид ба кадом камбудиҳо танқид мешунавед?**

- Тавре ба ҳама маълум аст, сокинони як қисм навоҳии минтақаи Кӯлоб аз ҳамон замони овозадори Шӯравӣ бо номи сил бемориеро ба «мерос» гирифта буданд, ки то ба имрӯз мушкилоти рақами яки мо маҳсуб меёбад. Аксари маводи бачопрасида, маҳз дар атрофи мушкилоти ҳамин беморӣ аст. Бубинед, ки сарфи назар аз мушкилоти иқтисодии рӯз, дар худи ҳамин ибтидои соли равон дар ноҳияи Восеъ, ки аксар мубталоёни ин беморӣ ба ҳамин ноҳия тааллуқ доранд, клиника ва беморхонаи минтақавии замонавӣ, муҷаҳҳаз бо тамоми дастгоҳу ашёи навтарини муосир, ба истифода дода шуд. Айни ҳол беморхонаи махсусгардонидашудаи ноҳияи Темурмалик ба таври замонавӣ таъмиру таҷдид карда мешавад. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми сафари хеш ба ноҳияи Мӯъминобод супориш доданд, ки фароғатгоҳи минтақавии беморони силро дар ноҳияи мазкур аз нав барқарор намоянд. Аллакай ба ин мақсад аз сарчашмаҳои гуногун маблағҳои зарурӣ дарёфт гардидаанд ва ният аст, ки рӯзҳои наздик кори барқарорсозии фароғатгоҳ, аз сатҳи сифр шурӯъ мешавад. Бо ин ишораҳо зикр карданӣ ҳастам, ки Ҳукумати кишвар, бахусус мо- табибон, ҳеҷ гоҳ ин мушкилотро аз назари хеш дур накардаем. Ҳалли ин мушкилот қарзи ватандории ҳар яки мост. Алҳол талош дорем, ки мушкилоти кадриро дар ин самт дар навбати аввал ҳал намоем. Бо ин мақсад табибони таҷрибадорро мувоззаф кардаем, ки донишу таҷрибаамонро ба ҳамкорони ҷавони хеш омӯхта, дар баробари ин худ аз шаклҳои муосири муолиҷа баҳравар гарданд.

Мо бо ташкилоту давлатҳои хайрхоҳ баҳри рафъи бемории сил тадбиру чораҳои зиёде меандешем. Нахусттадбири мо дар ин самт ин дақиқтар муайян кардани шумораи гирифторони ин беморист. Вақте воқеъбинона теъдоди беморон дарёфту муайян мегардад, якбора натиҷаи ин амаламон бар акси ҳол боиси танқиду мазамати ҳафтаномаҳо мешавад. Эрод мегиранд, ки чаро дар ин сол шумораи беморон афзоиш ёфтааст? Агар ба асли масъала дурусттар назар афканем, баръало мебинем, ки пушти ин рақамҳои воқеан ҳам изтиробовар фаъолияти хуби табибон ниҳон гаштааст, яъне равшан мегардад, ки мо дар ошкор намудани ин беморӣ заҳмат ба харҷ дода, аз кам нишон додани шумораи онҳо худдорӣ кардаем.

**- Мебинем, ки дар бисёр ҳолатҳо бо ин рафтори савобатон ба ҷойи таъриф танқид мешунавед. Воқеан, миёни онҳое, ки дар ин самт маводи омӯзишӣ рӯйи чоп меоранд, андешае ҳаст, ки дар гузашта ба хотири нуфузу эътибори ҷомеа ин рақамро таҳриф карда, бисёр ночиз нишон медоданд. Дар ниҳоят як сабаби ҳалли худро наёфтани мушкилоти мазкур ҳам маҳз дар рӯйпӯш намудани теъдоди муайяни беморон арзёбӣ мегардад.**

- Ба ин андеша розӣ шудан мумкин аст.Акнун замон дигар аст, аз ин пас мо киро фиреб медиҳем? Рӯйпӯшнамойӣ дар ин самт дар назди Давлату миллат ҷинояти нобахшиданӣ маҳсуб меёбад. Ҳоло мо баҳри амалӣ намудани «Барномаи миллии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015», ки 30-уми декабри соли 2009 таҳти рақами 694 аз ҷониби Ҳукумати кишвар қабул шудааст, як силсила тадбирҳоро рӯйи кор овардаем. Дар ин самт саҳми силшиносони Маркази вилоятии муборизаи зидди бемориҳои сили минтақа, воқеан ҳам, фаъол мебошад. Дар ин ҷо ҳар сол ба миқдори то 1500 нафар бори аввал гирифторшудагони сил ба қайд гирифта мешаванд. Бо ташаббуси маркази мазкур ва дастгирии Раёсати тандурустии минтақа бо иштироки фаъолонаи ҳамаи бахшҳои ба ин масъала манфиатдор пайваста Шӯрои ҳамоҳангсозӣ гузаронида мешавад, ки дар ошкор намудани беморони нави сил, кӯмаки зиёде мерасонад. Ҳоло ин марказ муборизаро ба муқобили ин беморӣ бо усули қабулнамудаи ДОТС ба роҳ монда, ба дастовардҳои чашмрасе шарафёб гаштааст. Хуллас, агар мо дар замони истиқлолият шумораи беморони гирифтори силро рӯйпӯшу таҳриф мекардаем, магар ин қадар муассисаҳои тандурустии бо дастгоҳҳои гаронарзиши навтарин муҷаҳҳазгардонидашударо дар муддати кӯтоҳ бунёд карда, ё худ таваҷҷуҳи давлатҳою ташкилотҳои хайрхоҳро барои ҳамкориҳо ҷалб карда метавонистем ?

**- То андозае ба ин суолатон худ посух гуфтед, вале суоли навбатии ман ин ҳамон суолест, ки 50 сол боз сокинони минтақаи Кӯлоб ба он ҷавоби саҳеҳу боварибахш мехоҳанд. Яъне, аз ибтидои солҳои 60-уми асри гузашта то имрӯз, минҷумла муаллифони ҳамон мақолаҳои танқидӣ низ, сабабҳо ва сарчашмаҳои сар задани ин бемориро дар мавзеи Пушёни ноҳияи Восеъ, ки баъзан водии маргаш қаламдод мекунанд, ҷӯё ҳастанд, ҳол он ки ин бемориро мансуб ба иҷтимоиёт медонанд. Дар ин радиф деҳаҳои мавзеи Пушён дар минтақаи Кӯлоб аз ҷумлаи деҳаҳои кӯҳантарин маҳсуб меёбад. Бинед, ки садсолаҳои ҳаёти ҷомеаи феодалӣ мардуми ин мавзеъро гирифтори бемории сил карда натавонист, аммо чӣ шуд, ки дар миёнаи солҳои 60-ум, яъне дар замони гул-гулшукуфии ҷамъияти сотсиалистӣ, сокинони он саросар гирифтори бемории сил гаштанд?**

- Кайҳо илми тиб исбот кардааст, ки сил ин бемории иҷтимоист, пас чӣ гуна мешавад, ки ин даҳшат дар ҷамъияти тангу тори феодалӣ нею дар замони баркамолии сотсиализм ба вуқӯъ пайваст? Замоне, ки мову шумо дар мактабҳои Шӯравӣ таълим мегирифтем, ин ду сохти ҷамъиятиро муқобили ҳам баҳогузорӣ мекарданд. Як нукта ба ҳамаамон маълум аст, ки охири солҳои 60 ва ибтидои соли 70-уми асри гузашта замони авҷи аълои бемории сил дар мавзеи Пушён дониста мешавад. Мо низ шоҳиди ҳол будем, ки бо иллати ин даҳшат чӣ миқдор хонаҳо дар ин мавзеъ холию беодам монданд? Ёдрас мешавем, ки он солҳо дар воситаҳои ахбори омма оид ба ин беморӣ он қадар намегуфтанду наменавиштанд. Мардум миёни худ иллати хуруҷи ин бемориро ҳар гуна шарҳу эзоҳ медоданд. Хуллас, то имрӯз оид ба сар задани ин беморӣ садҳо гумону тахминҳо вуҷуд доранд, вале воқеияти аслии он таҳқиқу омӯзиши махсус талаб мекунад.

**-Солҳои охир андешае пайдо шудааст, ки то андозае ба ҳақиқати ҳол наздикӣ дорад. Мегӯянд, ки замондорони давр барои паҳн кардан ва сипас дарёфт намудани роҳҳои муолиҷаи бемории сил ин мавзеъро барои санҷишу таҳқиқ махсус интихоб кардаанд. Назари шумо дар ин маврид чист?**

- Тавре ишора намудам, оид ба ин даҳшат овозаю андешаҳои зиёд арзи вуҷуд дорад. Вале асли воқеа чист, намедонам. Дар ин маврид хуб мешуд, ки шумо- хабарнигорон, ин мавзӯъро воқеъбинона то ба охир пайгирӣ менамудед.

**- Бигузор чунин шавад… Акнун меоем сари вазъи имрӯзаи хизматрасонии тиббӣ дар муассисаҳои табобатию профилактикии шаҳру навоҳии минтақа.**

- Имрӯз дар минтақаи Кӯлоб 25 муассисаи тиббии вилоятӣ, 13 беморхонаи ноҳиявӣ ва шаҳрӣ, 14 маркази саломатии шаҳрию ноҳиявӣ, 28 беморхонаи рақамӣ, 154 маркази саломатии деҳотӣ, 232 бунгоҳи тиббӣ ва 84 марказҳои махсусгардонидашуда фаъолият мекунанд, ки шумораи кормандони онҳо 5333 нафарро ташкил менамояд. Ин миқдор табибон, ки 1075 нафарашон дорои маълумоти олӣ ва 4258 нафари боқимондаи онҳо соҳиби маълумоти миёнаи тиббӣ мебошанд ба 1 миллиону 36 ҳазор сокинони минтақа хизмати тиббӣ мерасонанд.

**- Ба ростӣ бисёр андешаовар аст. Ин қадар номгӯйи муассисаҳову аммо таъминот ба кадрҳои тиббӣ дар чунин сатҳи паст қарор дорад. Боз, дар сурате ки имсол дар як Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба ҷойи 230 нафар довталаб беш аз 3000 нафар ҳуҷҷат супориданд. Ин рақамҳо бозгӯйи он аст, ки хоҳишмандони соҳа ба таври гӯшношунид дар ҳоли афзоиш қарор доранд. Ба ин хотир пурсиданӣ ҳастам, ки оё имкон нест, ки бо усули шартномавӣ гурӯҳҳои иловагӣ ташкил намуда, хоҳиши довталабонро қонеъ намоему ҳамон сатҳи таъминотро бо мутахассисони миёнаи тиббӣ андаке боло бардорем?**

- Баъди пай дар пай зиёд гардидани ҳаҷми маоши кормандони соҳа, бисёр ашхосе, ки тарки касб намуда буданд, бо як дилгармӣ ба ҷойҳои кори хеш баргашта истодаанд. Воқеан ҳам сатҳи таъминот бо духтурони маълумоти олидор андешаовар аст.Сабаби поён рафтани ин рақам чанд омил дорад. Бинед, ки баъди солҳои 90-уми асри гузашта ва бахусус баъди ҷанги шаҳрвандӣ чӣ қадар духтурони соҳибтаҷрибаи русзабон ба кишварҳои бобоии хеш баргаштанд ва табибони соҳибнуфузи маҳаллӣ ба кишварҳои дигари дуру наздик ба муҳоҷират рафтанд.

**- Ба наздикӣ бо номи «Таърихи тиб ва табибони маъруфи минтақаи Кӯлоб» китоби тозанашри табиб Иброҳим Раҳматзода ба дастам афтод ва пас аз варақ заданиони он хеле ғамгину маҳзун гардидам. Мебинам, ки дар тӯли ду- се соли охир беҳтарин духтурони минтақа дар айни камолоти умр ба таври ногаҳонӣ фавтидаанд. Шояд ин омили табиӣ ҳам як сабаби поён рафтани ҳамон рақами ба истилоҳ «дараҷаи таъминот» гашта бошад?**

- Албатта, бечуну чаро ин омил низ як сабаби асосӣ маҳсуб меёбад. Агар диққат дода бошед, дар ҷое муаллиф сабаби қалам ба даст гирифтану рӯйи чоп овардани китоби хешро маҳз ба хотири ёди рӯҳи ҳамин гурӯҳи табибони маъруфи бармаҳалрафта арзёбӣ намудааст. Ана ҳамин омил худ гувоҳи он аст, ки пешаи табибӣ касби мушкилу заҳматталаб ва пурмасъулият аст. Мутаассифона, ранҷу заҳмати онҳо дар бисёр ҳолатҳо дар пеши назари аҳли ҷомеа камрангу ноаён мемонад. Дар ҳоле ки ин гурӯҳ аз ибтидои дунё то ба имрӯзи он бо душмани ҷону тани инсон-марг ҳамеша даст ба гиребону дар набарданд. Гумон мекунам, ки бори гарони масъулияти касб пайваста ба вазъи саломатии онҳо таъсири манфии хешро гузошта меояд.

**- Ин ҳолат дар ноҳияҳои дурдаст чӣ гуна аст?**

- Дар ноҳияҳои дурдаст рақами таъмини духтурони маълумоти олидор дар сатҳи поёнтар қарор дорад, яъне 6-7 фоизро ташкил менамояд. Масалан, барои рафъи ин мушкилот ба беморхонаи мавзеи дурдасти Шугнови ноҳияи Ховалинг, бо ташаббуси масъулони мавзеъ, аз шаҳри Кӯлоб ду нафар духтурон бо муҳайё намудани шароити хуби зиндагӣ ва маоши арзанда ба кор даъват карда шудаанд…

**- Агар сахт нарасад, дар ин маврид вобаста ба мушоҳидаву андешаҳои хеш гуфтанӣ ҳастам, ки соҳаи тандурустӣ аз ҷумлаи он соҳаҳоест, ки кормандони он оид ба набзи замон, ки созандагию навҷӯйӣ талаби ҳаррӯзаи он аст, бисёр камҳавсала ҳастанд. Намедонам, ки кай дар вилояту минтақа мисли Саидҷон Мирзоалиеви ховалингӣ боз табиби ғайратманди дигаре пайдо мешавад, ки баҳри бунёди беморхонаи хусусӣ камари ҳиммат бандад?**

-Дар ин маврид ҳам бо шумо розӣ ҳастам. Ҷарроҳ Саидҷон Мирзоалиев 13 сол пеш дар миқёси кишвар яке аз аввалинҳо шуда, бо номи «Аҳмадшоҳи Масъуд» дармонгоҳи шахсӣ бунёд намуд. Ана ҳамин қадар сол аст, ки беморони ноҳияи Ховалинг ба марказ ва ё ба дигар шаҳру навоҳӣ нарафта, дар ҳамин дармонгоҳи шахсӣ ҷарроҳӣ мешаванд. Ҳангоми фасли зимистон, ки мушкилоти бебарқӣ пеш меояд, Саидҷон Мирзоалиев аз истгоҳи барқии бунёдкардааш бемалол истифода менамояд. Воқеан ҳам сифатҳои неки ин шахси созандаю ташаббускор, барои мо - ҳамкасбон намунаи ибрат ва боиси дастгирист. Боварӣ ҳаст,ки баъди ин эрод амалу сифатҳои созандагии ин ҷарроҳи шинохтаро, дигар ҳамкасбон, ба вижа онҳое, ки дар ихтиёрашон маблағҳои зарурӣ доранд, пайравӣ менамоянд.

**-Мо ҳам боварӣ дорем, ки баъди пайравӣ намудан ба чунин ташаббусҳои нек ва амалӣ намудани ин силсила иқдомҳои наҷиб дар рӯзномаву ҳафтаномаҳо ба ҷойи маводҳои танқидӣ, мақолаҳои зиёди тавсифӣ низ ба нашр мерасанд.**

- Дунё ба умед пояндаву обод аст. Албатта, мо мушкилоти хешро пушти сар мекунем. Лаҳзае фаромӯш намекунем, ки мо -табибон аз шаҷараи табиби рақами яки дунё- Сино ҳастем ва тани сиҳатро аз ҳама сарватҳои олам бузургу бебаҳо ва беназир мешуморем.

*Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»*

# ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН БОЯД ДАР МАДДИ АВВАЛ БОШАД

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давраи соҳибистиқлол гаштани худ ҳуқуқу озодиҳои инсон, арзиши меъёрҳои қабулшудаи байналмилалиро пос медорад.

Дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои зиёди байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон ба тасвиб расид, ки барои амалишавии онҳо тадбирҳо андешида мешаванд.

Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар боби дуюми Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди боби якум- асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҷой дода шудааст. Боби дуюм, ки ба ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст, аз ҷиҳати ҳаҷм аз ҳама боби калон буда, 34 моддаро дар бар мегирад. Дар онҳо ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, шаҳрвандӣ ва сиёсии шаҳрвандон танзим шудаанд.

Ҷиҳати амалӣ гардонидани ин талабот дар назди мақомоти судӣ вазифаҳои зиёд гузошта шудааст. Дар давраи истиқлолият дар фаъолияти мақомоти судӣ на танҳо дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омад, балки тибқи қонунгузориҳои ҷорӣ, онҳо такмилу тақвият ёфтанд. Аз ҷумла Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2011-2013 мутобиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид ва айни замон мавриди амал қарор дорад. Мутобиқи Нақшаи чорабиниҳо дар назди Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гуруҳи корӣ таъсис дода шудааст, ки рафти иҷрои барномаи мазкурро назорат мебарад. Аз ҷумла баррасии саривақтии парвандаҳои судӣ зери назорат қарор гирифтааст ва судҳо доир ба парвандаҳои дар пешбурдашон қарордошта мунтазам маълумот пешниҳод менамоянд. Чунин назорат имкон медиҳад, ки парвандаҳои муҳлатҳои тӯлонӣ баррасинашуда моҳиятан ҳал гарданд. Таҷрибаи дар муҳлати муайян ҳал шудани парвандаҳо ба роҳ монда шудааст.

Ҷиҳати иҷрои талаботи банди 2-юми Нақшаи чорабиниҳои Барномаи мазкур ҳар як судя дар давраи ҳисоботӣ доир ба фаъолияти кории худ ахбори муфассал пешниҳод менамояд. Он мавриди таҳлилу хулосабарорӣ қарор мегирад ва метавонад омили баланд бардоштани масъулияти судяҳо дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ гардад.

Чунин талабот ҷиҳати иҷрои вазифаи судҳо бар манфиати кор аст, зеро риоя, иҷро ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон дар навбати аввал аз субъектҳои марбута, аз ҷумла мақомоти судӣ, вобаста аст. Ҳар шахс дар доираи қонун бояд амал намояд. Ҳанӯз дар Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир омада буд, ки инсон дар интихоби дину оин, маҳали зист, маълумот, касбу кор озод аст. Аммо дар ин Эъломия шарт гузошта шудааст, ки шахс ҳаққи касеро поймол нанамояд ва зиёне ба ҳуқуқи дигаре ворид насозад.

Ин талабот имрӯз ҳам дар қонунгузории ҷорӣ инъикос ёфтааст. Аз ин рӯ, лозим аст, ки ҳар кас ҳуқуқу вазифаҳои худро донад ва аз он ҳимоя карда тавонад. Барои расидан ба ин мақсадҳо бояд корҳои зиёде ба сомон расонида шаванд. Аз ҷумла яке аз омилҳои муҳим ин баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии тамоми аҳолӣ, хусусан шахсони мансабдор ва роҳбарони мақомот, корхона, муассисаю ташкилотҳо мебошад. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба ин масъала диққати ҳамаҷониба дода, ҳар сол дар Паёмҳои худ ба Парламенти кишвар оид ба ривоҷу равнақ додани кор дар ин самт таъкид менамоянд. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2008 омадааст: «Рушди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ба сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ вобастагии зиёд дорад. Барои беҳтар ба роҳ мондани тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ зарурати таҳияву қабул кардани барномаи нави дарозмуддати мукаммал ва ба таври самарабахш татбиқ намудани он ба миён омадааст. Дар амалӣ намудани чунин барнома ва дигар ҳуҷҷатҳои то ба ҳол қабулшуда бояд ҳамаи рукнҳои ҳокимият, инчунин аҳзоби сиёсиву иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёнаи касбӣ ва таҳсилоти умумӣ, зиёиён ва умуман аҳли ҷомеа ҳаматарафа ҷалб карда шаванд».

Омили муҳими таҳкими ҳуқуқу озодиҳои инсон ва умуман таъмини инкишофи босуботи ҷомеа ва оромию тартибот ин ба вуҷуд овардани руҳияи эҳтиром, риоя ва иҷрои қонунҳо дар ҷомеа мебошад. Кормандони мақомоти судиро лозим аст, ки ҷиҳати иҷрои вазифаҳояшон, ки аз Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» марбут ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, қонуният бармеояд, таъмини мустақилияти муқарраргардидаи судяҳоро ба асос гирифта, адолати судиро дар доираи талаботи қонун таъмин намоянд.

*Насимҷон ҲАСАНОВ,*
*судяи Коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники адлия*

# ДАР ПАНҶАКЕНТ БУНЁДКОРИҲО РИВОҶИ ТОЗА КАСБ НАМУДААНД

Дар остонаи таҷлили ҷашнҳои фархундаи 21- солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва 20-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои бунёдкориву созандагӣ дар тамоми минтақаҳои мамлакат вусъат ёфта истодаанд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент дар ҳамдастӣ бо аҳолӣ корҳои зиёдеро, ки ба рушду нумуи соҳаҳои хоҷагии халқ нигаронида шудаанд, амалӣ намуда истодааст. Бо мақсади шиносойӣ бо вазъи омодагиҳо ба оғози таҷдиди роҳи мошингарди Айнӣ- Панҷакент ва вазъи иҷтимоиву иқтисодии ин шаҳри бостонӣ 11 сентябри соли ҷорӣ муовини якуми Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси вилояти Суғд Қоҳир Расулзода ба он ҷо сафари корӣ анҷом дод.

Зимни сафар, дар баробари масоили зикршуда, ҳамчунин бо иштироки раиси вилоят дар деҳаи Негноти нави деҳоти «Рӯдакӣ» бинои нави мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 7 мавриди истифода қарор гирифт.

Ҷоиз ба зикр аст, ки сохтмони ин бино ҳанӯз соли 2007 оғоз гашта, барои 125 нафар хонанда пешбинӣ шуда буд. Барои анҷоми босифати ин иншоот аз буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ маблағ сарф ва зимни бунёдаш тамоми талаботи меъморӣ ва сохтмонӣ риоя гаштааст.

Маълум гардид, ки дар арафаи ҷашни 21- солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар шаҳру деҳоти Панҷакент шумораи зиёди иншооти соҳаи маориф мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки бинои иловагии мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 41 дар деҳаи Шашқати деҳоти «Рӯдакӣ», бинои мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 28 дар деҳаи Олимободи деҳоти «Фароб», бинои мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 51 дар деҳаи Вен ва мактаби рақами 35 дар деҳаи Рукнободи деҳоти «Вору» аз ҳамон ҷумлаанд. Бино ба гуфти масъулини Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр дарояндаи наздик сохтмон ва азнавсозии як силсила мактабҳои дигар низ ба нақша гирифта шудааст ва боварӣ ҳаст, ки бо дастгирии Ҳукумати ҷумҳурӣ ин корҳо амалӣ хоҳанд гашт.

*Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»*

**БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ**

## БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН !

# Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| т/р | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2627/1 -1198 | Сарраёсати қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Бензини АИ-92<br>Сӯзишвории дизелии Л-62 | сомонӣ<br>сомонӣ | 70000<br>70000 | 5.10.2012 соати $9^{00}$ |
| 2628/2 -748 | Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ношунавои ноҳияи Рӯдакӣ | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгуй | 20 | 25.09.2012 соати $9^{00}$ |
| 2629/2 -749 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Сметанаи равғаннокиаш 22%<br>Творожи беравған | кг<br>кг | 2000<br>800 | 25.09.2012 соати $9^{30}$ |
| 2630/2 -750 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгуй | 12 | 25.09.2012 соати $10^{00}$ |
| 2631/2 -751 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгуй | 18 | 25.09.2012 соати $10^{30}$ |
| 2632/2 -752 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Картошка<br>Пиёзи беҳӣ<br>Каду | кг<br>кг<br>кг | 40000<br>21000<br>10000 | 25.09.2012 соати $11^{00}$ |
| 2633/2 -753 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Бирииҷи навъи аъло<br>Равғани растанӣ<br>Марҷумак (гречка) | кг<br>кг<br>кг | 1000<br>1000<br>1500 | 25.09.2012 соати $11^{30}$ |
| 2634/2 -754 | Беморхонаи марказии ноҳияи Файзобод | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои гуногун | номгуй | 17 | 5.10.2012 соати $9^{00}$ |
| 2635/3 -631 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳои ноҳияи Синои шаҳри Душанбе» | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ҷории кӯпрукҳо, воқеъ дар кӯчаҳои н. Синои шаҳри Душанбе | тибқи санади нуқсонӣ | | 25.09.2012 соати $9^{00}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои муҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.




## Беҳтарин раиси ташкилоти ибтидоии иттифоқи касабаи сол

<u>ДУШАНБЕ. (Бурҳониддин КАРИМЗОДА, «Садои мардум»)</u> Чанде пеш дар осоишгоҳи «Шоҳамбарӣ» пленуми V сайёри КМ иттифоқи касабаи соҳавии он баргузор гардид. Дар кори Пленум раиси Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон М. Солеҳов иштирок дошт. Раиси КМ Иттифоқи касабаи кормандони муассисаҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон Д. Қаҳоров бо ахбори муфассал баромад кард. Баъди баррасӣ ва муҳокимаи масъалаи асосӣ, натиҷаи ҷамъбасти озмуни «Беҳтарин раиси ташкилоти ибтидоии иттифоқи касабаи сол» манзури ҳозирин гардид. Барои фаъолияти хуби ташкилоти ибтидоии Иттифоқи касабаи Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои аъзои соҳа, ташкили чорабиниҳои оммавию фарҳангӣ, солимгардонии кормандон ва истироҳати тобистонаи кӯдакону наврасони бонк ва ҳимояи дигар ҳуқуқу манфиатҳои онҳо Охун Мирзоев «Беҳтарин раиси ташкилоти ибтидоии иттифоқи касабаи сол» дониста шуд. Вай ва дигар ғолибони озмун бо мукофотҳо қадрдонӣ гардиданд.

## Дастгоҳҳои замонавӣ барои корхонаи намак

<u>ВОСЕЪ. (Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)</u> Қарор аст, ки дастгоҳҳои куҳнаи корхонаи намакистеҳсолкунии ноҳия ба дастгоҳҳои нави замонавӣ иваз карда шавад. Дар ин робита бо намояндагони яке аз ширкатҳои Ҷумҳурии Халқии Хитой машваратҳо идома доранд. Ҷонибҳо назди худ мақсад гузоштаанд, ки пас аз ҳал гардидани масъалаҳои ҳуқуқӣ, ба таҷдиди дастгоҳҳо шурӯъ мекунанд.

## Занбӯриасалпарварӣ рушд меёбад

<u>ТАВИЛДАРА. (Мирзосафар РИЗВОНОВ)</u> Шуғли асосии мардуми ноҳияи Тавилдараро зироаткорию боғдорӣ ва чорводорӣ ташкил медиҳад. Дар баробари рушди ин соҳаҳо солҳои охир ба соҳаи занбӯриасалпарварӣ низ диққати махсус дода мешавад. Айни ҳол дар ноҳия шумораи оилаи занбӯри асал ба 10 ҳазору 500 адад расонида шудааст. Занбӯриасалпарварон, сарфи назар аз номусоидии обу ҳаво, имсол 130 тонна асал истеҳсол кардаанд.

-Мувофиқи нақшаи дурнамои иқтисодӣ занбӯриасалпарварони ноҳия ният доранд, ки теъдоди оилаҳои занбӯри асалро ба 11 ҳазор расонанд, - мегӯяд муовини раиси ноҳияи Тавилдара Қурбон Маҳмадов.

## Муаллимони ҷавон ба кор омаданд

<u>РАШТ. (Мирзосафар РИЗВОНОВ)</u> Дар соли нави таҳсил сафи омӯзгорони ноҳияи Рашт аз ҳисоби хатмкардагони мактабҳои олии мамлакат пурра гардид. Бо роҳхати Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон 68 нафар омӯзгори ҷавон дар мактабҳои ноҳия ба фаъолият оғоз карданд, ки 21 нафари онҳо духтарон мебошанд.

-Айни ҳол 85 фоизи мактабҳои ноҳия бо муаллимон таъмин гардида, сифати таълиму тарбия рӯ ба беҳбудӣ овардааст,- иброз дошт мудири шӯъбаи маорифи ноҳия Давлатмаҳмад Алиев.

## Мактабҳои нав бунёд ёфтанд

<u>НОРАК. (Ҳусейн МИРЗОЕВ)</u> Дар доираи ҳамкориҳои молиявии байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Федералии Олмон бо татбиқи Барномаи «Фондҳои ҷамоавӣ барои мусоидати рушди маълумоти асосӣ ва барқарорсозии инфраструктураи коммуналӣ» бо маблағгузории Бунёди миллии иҷтимоии Тоҷикистон ва Бонки олмонии рушд, дар деҳаи «Дӯконӣ»- и шаҳри Норак мактаби нави замонавӣ барои 200 нафар хонанда сохта, ба истифода дода шуд. Барои сохтмони мактаб 296,2 ҳазор доллари амрикоӣ сарф гардидааст.

Мактаби мазкур бо системаи мустақили гармидиҳӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст. Барои зимистонгузаронӣ таълимгоҳ бо панҷ тонна ангишти аълосифат таъмин аст. Корҳои сохтмонии мактаби навро Ташкилоти пудратчии ҶДММ «Фирӯз»-и шаҳри Кӯлоб иҷро намуд.

Ҳамчунин бо иқдоми Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Норак чанде пеш дар деҳаи кӯҳистони Гирдоб як мактаби дигар иборат аз ҳашт синфхона, хонаи муаллимон ва ғайра барои 200 нафар толибилм мавриди истифода қарор дода шуд.

## Ғолибон соҳиби туҳфа гардиданд

<u>ВАРЗОБ. (Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»)</u> Дар Муассисаи давлатии Маркази миллии тавонбахшии кӯдакону наврасони «Чорбоғ» ба истиқболи 21-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ҷамъомад доир гардид, ки дар он роҳбарияти муассиса ва масъулини Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок доштанд.

Муассисаи мазкур аз се шӯъба иборат буда, барои 230 нафар пешбинӣ шудааст. Аз ин шумора 200 нафар ба таври доимӣ будубош дошта, 30 нафари дигар ҳамроҳи модарон давоми 16 рӯз ба табобат фаро гирифта мешаванд. Дар маркази мазкур хизматрасонии маишӣ, тиббию санитарӣ, фароғатию тавонбахшӣ барои кӯдакони маъюб муҳайё карда шудааст.

Байни кормандони муассиса давоми ҳар се моҳ озмуни «Парастори беҳтарин» гузаронида мешавад. Дар ҷамъомади мазкур озмуни навбатӣ ҷамъбаст, ғолибон бо туҳфаҳои таъсисдодаи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маъмурияти муассиса сарфароз гардонида шуданд.

## Вохӯрӣ бо варзишгарон

<u>ДУШАНБЕ. (Фирӯза ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум»)</u> Дар Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Сайидмӯъмин Раҳимов бо иштироки варзишгардухтари номӣ, барандаи медали биринҷии Бозиҳои XXX тобистонаи олимпии Лондон-2012 Мавзуна Чориева вохӯрӣ баргузор гардид. Ҷамъомадро ректори донишкадаи мазкур Шодӣ Сафаров кушода, ӯро ба ин дастоварди арзандааш табрик намуд. Сипас, раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маликшо Неъматов суханронӣ кард. Аз номи роҳбарияти донишкада ба Мавзуна Чориева 10 ҳазор сомонӣ ва ба Собирҷон Назаров чор ҳазор сомонӣ тақдим гардид.

Ба рӯзноманигори варзида, шореҳи варзиш Мирзосафар Шамсиддинов барои таҳияи китоби наваш «Басо духтар, ки соҳибтоҷ гардад…» (оид ба дастовардҳои варзишгари тоҷик М. Чориева) нишони дуюми «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» супорида шуд.

## Сафари руҳониёни суғдӣ ба Хатлон

<u>КӮЛОБ. (Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)</u> Вобаста ба нақша ва чорабиниҳои Кумита оид ба корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чанд тан аз руҳониёни шинохтаи вилояти Суғд меҳмони сокинони як қатор шаҳру навоҳии вилояти Хатлон шуданд. Меҳмонон аз ҷойҳои муқаддас ва таърихии шаҳрҳои Қӯрғонтеппаю Кӯлоб, ноҳияҳои Восеъ ва Ховалинг, Бохтару Ҷиликӯл дидан намуда, бо мардум мулоқот карданд.

*Масъули гӯша Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум». Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91*

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Музоядаи №18-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан истифодашуда 15 октябри соли 2012 баргузор менамояд

| т/р | Тамға | Рақами давлатӣ | Соли барориш | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Систерна барои кислотаи азотӣ | №23251 | 1986 | ҶСШК «Тамохуш-ЗГМИ», Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 25600 |
| 2 | Систерна барои кислотаи азотӣ | №22116 | 1989 | ҶСШК «Тамохуш-ЗГМИ», Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 20480 |
| 3 | КБ-674 | б/р | 1974 | Кранҳои манораваи ҶДММ «Манора» | 20880 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-73-74, 221-49-87, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-56-64-84, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи И. Сомонӣ 35, тел: 2-41-14.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад. Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 15 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори 5 фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-49-87, 221-73-74, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-56-64-84, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи И.Сомонӣ 35, тел: 2-41-14**, ҳамчунин аз сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyda-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

### 15 октября 2012 года проводит аукцион №18 по продаже транспортных средств, ранее бывших в употреблении

| п/н | Марка | Гос. номер | Год выпуска | Адрес | Стартовая цена (в сомони) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Цистерна для азотной кислоты | №23251 | 1986 | АООТ «Тамохуш – ЗГМИ», Министерство энергетики и промышленности РТ | 25600 |
| 2 | Цистерна для азотной кислоты | №22116 | 1989 | АООТ «Тамохуш – ЗГМИ», Министерство энергетики и промышленности РТ | 20480 |
| 3 | КБ-674 | б/р | 1974 | Башенные краны ООО «Манора» | 20880 |

Прием заявок на участие в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: город Душанбе, пр. Рудаки 44.

Место проведения: **город Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-73-74, 221-49-87, город Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84, город Куляб, улица И. Сомони 35, тел: 2-41-14.**

Метод проведения: **английский.** Время проведения: **$10^{00}$ часов.**

Гарантийный взнос для участия в аукционе равен 15 показателям для расчетов за один лот и принимается наличными в кассу ГУП по ОПГИ или безналичными на р/счет ГУП по ОПГИ.

В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5 % от цены продажи, который не включается в цену продажи лота.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-49-87, 221-73-74, город Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84, город Куляб, улица И. Сомони 35, тел: 2-41-14**, а также на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyda-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW.GKI.TJ**

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Музоядаи №24-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул 15 октябри соли 2012 баргузор менамояд

| т/р | Номгӯйи иншоот | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Бино ва иншооти чойхона ва нонвойхонаи ҶСК «Бодом» | ш.Конибодом | 120000 |
| 2 | Таваққуфгоҳи автомашинаҳои ҶСК «Бодом» | ш.Конибодом | 100000 |
| 3 | Бино ва иншооти Хоҷагии ёрирасони ҶСК «Бодом» | ш.Конибодом | 150000 |
| 4 | Бино ва иншооти ҳаммоми ҶСК «Бодом» | ш.Конибодом | 50000 |
| 5 | Бинои ҳаммоми ҶСК «Ғалла» | ш.Душанбе | 60000 |
| 6 | Бинои собиқ маҷмааи ҶСК «Ғалла» | ш.Душанбе | 60000 |
| 7 | Бинои клуби ҶСК «Ғалла» | ш.Душанбе | 60000 |
| 8 | Бинои нонпазхона ҶСК «Ғалла» | ш.Душанбе | 100000 |
| 9 | Бинои чойхонаи ҶСК «Фабрикаи бофандагии Исфара» | ш.Исфара | 40000 |
| 10 | Гармхонаи ҶСК «Зарбдор» | ноҳияи Мастчоҳ | 40000 |
| 11 | Бинои собиқ профилакторияи табобатии ҶСК «Комбинати консервабарории Хуҷанд» | ноҳияи Ғончӣ | 50000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 тел: 221-73-74, 221-16-14 ва шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-56-64-84.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин фаҳмидан мумкин аст: **ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-56-64-84,** ҳамчунин аз сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyda-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

### 15 октября 2012 года проводит аукцион №24 по продаже недвижимости

| п/н | Наименование объекта | Адрес | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1 | Здание и сооружение чайханы и лепешечной ОАО «Бодом» | г.Канибадам | 120000 |
| 2 | Автостоянка ОАО «Бодом» | г.Канибадам | 100000 |
| 3 | Здание и сооружение Подсобного хозяйства ОАО «Бодом» | г.Канибадам | 150000 |
| 4 | Здание и сооружение бани ОАО «Бодом» | г.Канибадам | 50000 |
| 5 | Здание бани ОАО «Ғалла» | г.Душанбе | 60000 |
| 6 | Бывшее здание ОАО «Ғалла» | г.Душанбе | 60000 |
| 7 | Здание клуба ОАО «Ғалла» | г.Душанбе | 60000 |
| 8 | Здание лепешечной ОАО «Ғалла» | г.Душанбе | 100000 |
| 9 | Здание чайханы ОАО «Фабрикаи бофандагии Исфара» | г.Исфара | 40000 |
| 10 | Теплица ОАО «Зарбдор» | Масччинский район | 40000 |
| 11 | Бывшее здание лечебной профилактории ОАО «Комбинати консервабарории Хуҷанд» | Ганчинский район | 50000 |

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: г.Душанбе, пр. Рудаки 44.

Место проведение: **г.Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-73-74, 221-16-14, город Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84.**

Метод проведения: ***англиский.***

Время проведения: **$10^{00}$ часов.**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот вносится наличными в кассу Предприятия и безналичными на расчетный счет ГУП.

В случае победы на аукционе Покупатель вносит на счет Продавца комиссионнный сбор в размер 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник предложиший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г.Душанбе, пр. Рудаки 44, тел:221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, город Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84,** а также на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyda-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW.GKI.TJ**


## «ПОЛИКАВИН» - НЕРУИ МАРДӢ БЕ ДАВОҲОИ КИМИЁӢ




Имрӯз мушкилоти сусткамарӣ ва безуриётии мардон ба яке аз ҷойҳои аввал дар ҷаҳон баромадааст. Шурӯъ аз лаҳзае, ки шахс ба ин мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешавад, ӯ аз ҳама гуна воситаҳо истифода хоҳад бурд, то аз беморӣ наҷот ёбад. Аммо на ҳар даво ва на ҳамеша барои саломатӣ безарар мебошад.

Мардҳои муҳтарам! Ширкати «Биолит» воситаи беназири табиӣ – «Поликавин»-ро ба шумо пешкаш менамояд, ки махсус барои барқарор намудани неруи мардӣ истеҳсол шудааст.

«Поликавин» ҷавҳари растании топтун дар шакли хурӯшаҳо мебошад, ки дар ҳамаи куҳантарин дорухатҳо оид ба табобати безуриётӣ зикр гардидааст. Лозим ба таъкид аст, ки барои табобати безуриётии мардона онро ҳатман ҳам мард ва ҳам зан бояд истеъмол намоянд. «Поликавин» воситаи пурзӯрест ҳангоми табобати комплексии импотенсия ва безуриётӣ:

- боҳро қувват бахшида, шавқу рағбати шаҳвониро барқарор месозад;
- фаъолияти ҷинсӣ ва зидди сусткамарии синнусолиро ҳатто дар мардҳои солим низ ба низом медарорад;
- тавлиди нутфаро беҳтар мекунад;
- ҳангоми фурӯ нишастани шавқи шаҳвонӣ дар натиҷаи асабоният, афсурдаруҳӣ ва изтироб (стресс), хасташавӣ, аз он ҷумла аз корҳои вазнин;
-инчунин мардҳо ё занҳое, ки аз хунукиҳои рӯда азият мекашанд ва тез-тез пешоб мекунанд, «Поликавин» маҳсулоти беҳамтост.

Мисли дигар давоҳои кимиёӣ-дилбеҳузурӣ ё фишори хунро баланд намекунад ва инчунин кори мушакҳои дилро халалдор намесозад.

«Поликавин»-ро ҳатто пиронсолон бо боварии комил метавонанд истифода баранд, сабаб ин аст, ки безарар ва фоидаовар аст.

Мардҳое, ки барои зиёд шудани шавқу рағбати шаҳвонӣ ва ё зидди простатит истифода мебаранд, дар як сол то 4-5 маротиба метавонанд такроран аз «Поликавин» истифода баранд.

Давраи табобат: як қошуқи калон, як маротиба пеш аз хӯрок давоми даҳ рӯз. Барои безуриётӣ бошад, аз 30 то 90 рӯз истифода бурдан лозим аст.

Тарзи фурӯш: бе дорухати духтур метавонед харидорӣ кард. Истеҳсолкунанда Федератсияи Россия. Маҳсулот дорои сертификат аст.

***Аз дорухонаҳои шаҳр пурсон шавед.***
***Телефон дар вилояти Суғд ва ноҳияҳои он: 927- 49- 33- 47.***




## Корхонаи фаръӣ, Корхонаи воҳиди давлатии «Лоиҳакаш» дар шаҳри Қӯрғонтеппа ташкилоти литсензиядор буда, корҳои зеринро пешкаш мекунад:

1. Тайёр намудани лоиҳаи кории иншооти сохтмонӣ, тайёр намудани харҷномаҳо, қисмҳои меъморӣ, сохтмон, обтаъминкунӣ, фазлоб, барқтаъминкунӣ, тартиб додани харҷномаҳои таъмир.
2. Иҷрои вазифаи фармоишгар.
3. Тайёр намудани санади қабули иншооти сохтмонаш ба охиррасида.
4. Тайёр намудани ҳуҷҷатҳои пеш аз лоиҳакашӣ (фармоиши меъморӣ, шартҳои техникӣ ва ғайра).
5. Тартиб додани лоиҳаи намуди берунаи иншоот.

*Суроғаи мо:* **шаҳри Қӯрғонтеппа, кӯчаи Б. Ғафуров №9, тел: +992-48-701-30-06, 919-67-50- 45.**

***Шахси масъул: Юнусов Толиб***





## ПАРДОХТИ АЛОҚАИ МОБИЛӢ ДАСТРАС ШУД!

**Бо хушнудӣ ба Шумо хабар медиҳем, ки акнун мизоҷони Ширкати "МегаФон-Тоҷикистон" ва "Tcell" бидуни комиссия метавонанд ҳаққи хизматрасониҳои алоқаи мобилиро бо кортҳои пластики ҶСК «Агроинвестбонк» тавассути банкоматҳои бонк, инчунин тавассути низомҳои «Интернет-бонкинг» ва «Бонкинги мобилӣ» пардохт намоянд.**

**Дар банкоматҳои бонк дар банди «Рӯйхат» («Меню») ишораи нав пайдо шуд, ки бо истифода аз он дар низоми вақти ҷорӣ барои хизматрасониҳои алоқаи мобилии Ширкати "МегаФон-Тоҷикистон" ва "Tcell" маблағ гузаронидан мумкин аст.**

**Ба воситаи хизматрасониҳои «Интернет-бонкинг», Шумо метавонед пардохти худро дар низоми автоматикӣ ба нақша гиред. Дар ин сурат, тавозуни телефони мобилии Шумо ба таври автоматикӣ дар сана ва вақти нишондодаи Шумо пур карда мешавад.**

МАЪЛУМОТИ МУФАССАЛ : (44) 600–68–68 WWW.AGROINVESTBANK.TJ


## ТАСҲЕҲ

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки Даъватномаи иштирок дар озмуни харид тахти №2554/1-1166, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» тахти №110 (2937) аз 4 сентябри соли 2012 нашр гардидааст, санаи баргузории озмун 17 сентябри соли 2012 хонда шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

Шаҳрванд Маҳматкаримов Ҳикматулло, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0014293 бо РЯМ 1230003794 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 25 ноябри соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

Соҳибкори инфиродӣ Сайдалиев Устофайз Исматович, ки дорои иқтибоси феҳристи ягонаи давлатӣ бо РЯМ 0530034579 ва РМА 055088381 мебошад ва онро Нозироти андози шаҳри Ваҳдат 7 марти соли 2012 додааст, намуди фаъолияти воридот ва хариду фурӯши маҳсулоти хӯрокаро қатъ менамояд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шартномаи хариду фурӯши байни Ҳамроева Холдон ва Алимардонов Улуғбек Муҳамадалиевич таҳти феҳристи 5Д-408-и гумшуда, ки онро КФББТ-и ноҳияи Ҳисор 23 сентябри соли 2009, бо суроғаи деҳаи Қарамқул, деҳоти Қарамқули ноҳияи Ҳисор додааст, эътибор надорад.

***

Патенти №0087118 бо РЯМ 0930026259-и гумшуда,ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 17 майи соли 2010 ба Салимов Акбар додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0008061 бо РЯМ 0630000507-и дар сӯхтор нобудшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Роғун 21 январи соли 2010 ба Ризвонов Абдулазиз Азамович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи барои бақайдгирӣ оид ба супорандаи андоз аз арзиши иловашуда бо силсилаи U02 № 002302 бо РЯМ 0210008985 ва РМА 020014244-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 30 августи соли 2010 ба ҶДММ «ТРК-ВАТАН» додааст, эътибор надорад.


## Малҳами «ЧИСТОТЕЛ»




### Гиёҳи навчидаи «Чистотел»

Дардро таскин медиҳад ва захмҳоро шифо мебахшад.

**ТАЪСИР: - ҳама гуна намуд, варамҳои безарари пӯст, озах, папиломаҳо, кератозаҳо** (*малҳамро бо чӯбчаи гӯгирд ба ҷойи осебдида молед. Давомнокии истифода: дар рӯю бадан 8-10 дақиқа. Боқимондаи малҳамро бо салфеткаи нам пок карда гиред*).

**- пучакҳо, панаритсийҳо** (*ним қошуқчаи малҳамро дар 100 мл. об ҳал карда, тампони докагиро ба он тар кунед ва ба ҷойи бемор ба муддати 5-10 дақиқа монед).*

**- герпес, псориаз** (*малҳамро бо чӯбчаи гӯгирд рӯзе 3-4 бор ба ҷойи осебдида молед).*

- хоришак ва сили пӯст (аз ду қошуқ, малҳам дар 100 мл. маҳлул тайёр намуда, онро ба ванна резед ва хуб омехта кунед).

Бартарии малҳами (бальзам) «ЧИСТОТЕЛ» аз ЧИСТОТЕЛИ спиртӣ дар он аст, ки баъди истифода ягон доғе боқӣ намемонад.

Аз дорухонаҳо пурсед. Телефон дар вилояти Суғд ва ноҳияҳои он: **927-49-33-47, 988-80-88-85**

Шакли истеҳсол: ҷавҳар – 20 мл. дар лӯлача. Истеҳсолкунанда - Федератсияи Россия.

## «АТРОВИТ»- бальзам согревающий




«Атровит»-ро барои бемории артритҳо (буғумдард), миалгияҳо (дарди мушакҳо), невралгияҳои байниқабурғавӣ, невритҳо сарбориҳои барзиёд ва узвҳои такяву ҳаракат истифода мебаранд. Унсурҳои фаъоли малҳам таъсири баръалои зиддиилтиҳобӣ ва антисептикӣ доранд, таркибаш рагҳоро васеъ мекунад ва ангезиш ба вуҷуд оварда, ба ин тариқ беҳшавии гардиши хунро мусоидат мекунад. Истифодаи малҳам аломатҳои нотобии буғумҳоро хеле кам мекунад, дард, варам, илтиҳоб бартараф мешавад, ҳаракати буғумҳо беҳ мегардад. Омӯзиши клиникии таъсирбахшӣ ва тобоварии инфиродӣ дар муассисаҳои бонуфузи табобатӣ ва илмии Россия анҷом дода шудааст: **«Пажӯҳишгоҳи ревматологии Академияи илмҳои тибби ФР» «Маркази шаҳрии ревматологии Москва» ва ғайраҳо.**

Натиҷаҳои бадастомада таъсирбахшии баланди воситаро исбот сохтанд ва афзалияти «Артровит»-ро безарар ва одатнадиҳанда баҳо доданд. Тавсияҳо оиди истифода: ***малҳамро рӯзе ду ва ё се маротиба ба пӯсти бугуми дардманд бо ҳаркатҳои маҳскунанда молед.***

*Рақам барои алоқа:* **918-47-93-93, вилояти Суғд ва ноҳияҳои он: 92749-33-47, 988-80-88-85.**



**Садои МАРДУМ** — Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 13 сентябри соли 2012, соати 19.30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 23842 нусха

Навбатдори шумора Неккадамов Т.

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова